Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 63 (4803) | ДУШАНБЕ, 20 МАЙИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ВАН И



**18-уми майи соли 2024 дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Мардумии Чин Ван Иро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар рафти вохӯрӣ вазъи кунунии ҳамкории ҳар ду кишвар ва масоили мубрами минтақавию байналмилалӣ баррасӣ шуд.

Дар оғози суҳбат Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тамоюли афзояндаи муносибатҳои дӯстӣ ва шарикии стратегии ҳамаҷонибаи кишварҳо изҳори қаноатмандӣ намуда, чунин иброз доштанд: «Мо ҷонибдори идомаи тақвияту густариши чунин анъанаҳои ҷавобгӯ ба манфиатҳои бунёдии мардумони ҳар ду кишвар ҳастем».

Таъкид гардид, ки Чин яке аз шарикони бузурги кишвари мо дар бахшҳои тиҷорату иқтисод ва сармоягузорӣ мебошад. Ҳаҷми умумии сармояи чинӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон дар даҳ соли охир 3,8 миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Зимни мулоқот густариши робитаҳо дар соҳаҳои саноат, бахусус саноати кӯҳӣ, нақлиёт, энергетика ва кишоварзӣ муҳокима гардид. Дар ин зимн, алоқамандии ҷониби Тоҷикистон ба роҳандозии ҳамкории фаъол бо Чин оид ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки марбут ба «иқтисоди сабз», иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ ва истеҳсолот дар Тоҷикистон бо истифода аз «технологияҳои сабз» таъкид карда шуд.

Дар идомаи суҳбат ҷонибҳо, ҳамчунин, масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳангию гуманитариро баррасӣ намуданд.

Ҳамзамон, табодули афкор доир ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният, пеш аз ҳама дар масъалаҳои муқовимат бо таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир, сурат гирифт.

Зимни баррасии масоили мубрами ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи зиёд ба таҳкими ҳамкории бисёрҷониба дар доираи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, бахусус дар чаҳорчӯбаи Созмони ҳамкории Шанхай ва «Осиёи Марказӣ + Чин» зоҳир гардид. Ҳамчунин, аҳамияти идомаи ҳамкории минбаъда ҷиҳати дастгирии ташаббусҳои глобалии ҳамдигарӣ таъкид шуд.

**www.prezident.tj**



## БАРҚИЯҲОИ ТАСАЛЛИЯТ

**20-уми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раҳбари олии Инқилоби Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Оятуллоҳ Сайид Алӣ Хоманаӣ барқияи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Олиҷаноб,**

Хабари даргузашти фоҷиавии Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Саидиброҳим Раисӣ ва ҳайати ҳамроҳаш боиси андуҳи гарони мо ва тамоми мардуми Тоҷикистон гардид.

Мо ба шахсияти Сайидиброҳим Раисӣ ҳамчун арбоби барҷастаи давлатӣ арҷ мегузорем, саҳми созандаи зиндаёдро дар рушду нумӯи ҳамаҷонибаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Эрон, ҳалли масъалаҳои минтақавию байналмилалӣ баланд арзёбӣ менамоем.

Дар робита ба ин талафоти бузург ба Шумо, Олиҷаноб, мардуми дӯсту бародари Эрон, аҳли хонавода ва наздикони фавтидагон ҳамдардӣ ва тасаллияти самимии инҷонибро иброз менамоям.

Аз Худованди мутаол барои шаҳидшудагон раҳмату мағфират ва ба мардуми кишвари дӯсти Эрон сабри ҷамил хоҳонам.

Дар ин лаҳзаҳои ғамангез дар канори Эрон ва мардуми он ҳастем».

**20-уми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муовини аввали Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Муҳаммад Мухбир барқияи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ,**

Хабари фоҷиавии даргузашти Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Саидиброҳим Раисӣ ва ҳайати ҳамроҳаш бар асари суқути чархбол боиси андуҳи амиқи мо ва тамоми мардуми Тоҷикистон гардид.

Мо ба шахсияти арбоби барҷастаи давлатӣ Сайидиброҳим Раисӣ арҷ мегузорем ва нақши ӯро дар густаришу таъмиқи робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанба миёни Тоҷикистону Эрон ва ҳалли масоили умдаи минтақавию байналмилалӣ қадр мекунем.

Дар робита ба ин мусибати гарон ба Шумо, мардуми дӯсту бародари Эрон, пайвандону наздикони шаҳидшудагон ҳамдардӣ ва тасаллияти самимии инҷонибро изҳор намуда, аз Худованди мутаол сабри ҷамил хоҳонам.

Дар ин лаҳзаҳои ғамангез дар канори Эрон ва мардуми он ҳастем».

**www.prezident.tj**



**20-уми майи соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Раиси Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммадбоқир Қолибоф барқияи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ,**

Хабари суқути чархбол ва даргузашти фоҷиавии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Иброҳим Раисӣ, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳусейн Амир Абдуллоҳиён, ҳамроҳони онҳо ва ҳайати сарнишинон боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Дар робита ба ин мусибати гарон, аз номи худ ва аз номи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамдардии амиқ ва тасаллияти самимии ин ҷонибро ба Шумо ва тамоми мардуми бародари Эрон баён намуда, ба ҳамаи наздикону пайвандони шаҳидшудагон сабри ҷамил хоҳонам».

**www.majmilli.tj**

## ҲИММАТБАЛАНД

**Дар солҳои 70-80-уми асри XX, замони шуравӣ, ки Тоҷикистони азизи мо дар ҳайати он қарор дошт, ҳизби ҳукмрон ва ҳамаи сохторҳои давлатӣ ба тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамуданд. Он солҳо дар Иттиҳоди Шуравӣ як экспедитсияи умумииттифоқии сайёҳӣ-фарҳангӣ бо номи «Ватанам - СССР» фаъол буд. Ёд дорам, ки ин чорабинӣ дар Тоҷикистон низ бо шаҳомоти баланд баргузор мегардид. Илова бар ин, солҳои 80-уми асри XX дар кишварамон чорабинии сатҳи баланд бо номи «Рӯзи хотира» ва чорабиниҳои дигар бо иштироки мактаббачагону донишҷӯён ва насли калонсол доир мешуданд.**

Дар сафарбаркунии мардум ба чунин корҳои нек нақши котибони ташкилотҳои ҳизбӣ хеле бориз буд. Дар ноҳияи Данғара низ чунин чорабиниҳои муҳим мунтазам доир мешуданд, ки дар он нақши ҷавони 35-сола, котиби ҳизбии хоҷагии ба номи Ленин муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле муассиру созанда буд.

Солҳои 1987-1988 хоҷагии Ленин (қабл аз он таҳти роҳбарии З. Абдуллоев, Ш.Шариф, С. Бобоев, К. Абдулқодиров, К. Воҳидов, Исмоилов, С. Қурбонов) дар ҳамаи соҳаҳо пешқадам буда, аз тарафи роҳбарони ноҳия Р. Мирзоев ва М. Олимов дар бахши тарбияи ватанпарастӣ мудом баҳои баландро сазовор мегардид. Табиист, ки дар ин дастовардҳо саҳми котиби ҷавони ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ бориз буд.

* * *

Пешвозгирии ветерани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, сокини Ҷумҳурии Қазоқистон Саидаъзам Эсангалиев бо ҳамяроқаш иштирокчии ҷанг аз Данғара Сафар Бобоев бо ташаббуси котиби ташкилоти ҳизбии совхоз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле хотирмон буд. Соли 1987 ветерани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Сафар Бобоев ба роҳбарияти совхоз ва ноҳия дар ин бора хабар медиҳад. Шоир ва рӯзноманигор Исо Ғулом ба номи Эсангалиев номае менависад, ки он дар рӯзномаи «Казахстанская правда» ба нашр мерасад. Эсангалиев ба Сафар Бобоев номаи ҷавобӣ менависад ва мегӯяд, ки ман ба Тоҷикистон меоям, лекин аввал ба Қазоқистон биё, туро интизорам. Ҳамин тавр, Сафар Бобоев бо писараш Камолиддин ба Қазоқистон рафта, бо ҳамнабарди худ вохӯрд. Сокинони ноҳияи Сариевский дар Қазоқистон ва роҳбарони он дар вохӯрии ду ҳамяроқ, ки баъди 42 сол рух дод, иштирок карданд. Ин вохӯрӣ дар телевизиони Қазоқистон намоиш дода шуд. Қазоқҳо барои меҳмони олиқадр байтал (аспи модина) куштан мехостанд, аммо ин раҳми Сафар Бобоевро мерораду куштани байталро рад менамояд ва даҳ рӯз бо дӯсташ он ҷо мемонад. Соли 1988 Эсангалиев ва духтараш Елена паём медиҳанд, ки ба Тоҷикистон меоянд. Рамазон Мирзоев ба роҳбарияти совхоз супориш медиҳад, ки вохӯрӣ бояд дар сатҳи баланд гузаронида шавад ва ин тадорукотро ба ташкилотчии ҷавон, котиби ҳизби хоҷагӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон месупоранд. Ходими ҷавони ҳизбию хоҷагӣ баргузории чорабинии ватандӯстона ва интернатсионалистиро аз оғоз то анҷом ба зимма мегирад. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон автобус гирифта, бо мутасаддиён ба Душанбе мераванд, вазифаи ҳар нафарро барои пешвозгирӣ муқаррар намуда, худ ба ноҳия бармегардад ва ба вохӯрӣ омодагӣ мегирад. Эсангалиев ҳангоми ба Душанбе расидан аз даре берун меояд, ки рӯ ба рӯ ҳамяроқаш Сафар Бобоев истодааст. Исо Ғулом ба муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон занг зада мегӯяд, ки меҳмонон омаданд, соати $13^{00}$ ба роҳ мебароем.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастаи ҳавваскоронро барои истиқболи меҳмон ба Себистон бурданд. Он ҷо консерти калон баргузор шуд. Шодравон Чамангул Сатторова бо рақсу суруд меҳмонро хеле мутаассир кард. Эсангалиев аз чунин пешвозгирӣ ба ҳайрат афтод. Консерти дуюму сеюм дар назди идораи совхоз (ҳоло он ҷо Қасри фарҳанг аст) ва деҳаи Ҳусейншайх барпо гашт. Сафар Бобоев 7 рӯз ҳамхизматашро меҳмондорӣ кард. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи шашум ба Душанбе рафта, аз барои меҳмонон чипта гирифтанд. Зафар Нозимов ва дигар санъаткорони машҳури ҷумҳурӣ ба шарофати меҳмонон консерти хайрбод манзур карданд. Меҳмонро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гусел намуданд. Сафар Бобоев ва Эсангалиев лаҳзаи хайрухуш кӯдаквор гиристанд.

Эсангалиев бехабар аз марги Сафар Бобоев дар 65-солагии Рӯзи Ғалаба ба сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қазоқистон Акбаршо Искандаров нома навишта, хоҳиши бори дигар бо дӯсташ вохӯрдан мекунад. Сафир дар ин бора ба Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон хабар медиҳад. Мактубро С. Насриддинов, муовини вазири корҳои хориҷӣ, ба ноҳия равон мекунад, аммо Сафар Бобоев аз дунё гузашта буд. Ин нома дар осорхонаи ноҳия маҳфуз аст.

* * *

Қобилияти ташкилотчигӣ, маъракаорой, роҳбарӣ ва созандагию бунёдкории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали фаъолияти корӣ ҳувайдо буд. Дар солҳои роҳбарӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон совхозро ба хоҷагии пешрафтаи ҷумҳурӣ табдил доданд, мардуми ноҳия бошад, номзадиашонро ба вакилии Шурои Олӣ пешниҳод намуданд. Халқ номзади арзандаи худро интихоб кард.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи сарнавиштсоз Роҳбари давлати тоҷикон интихоб шуда, миллатро аз парокандагӣ эмин доштанд, сулҳу ваҳдатро дар кишвари азизамон пойдор гардонданд ва ин рисолати таърихиашонро дар назди миллат иҷро карда истодаанд. Пешвои миллат эътироф шудану бо унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон сарфароз гардидан самараи ҷонфидоиҳост.

**Бозор Мурод МЕРОСБАР,**
**омӯзгори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии ДДТХ**

## ДАВИ МИЛЛӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ҶАВОНОН

**19-уми майи соли 2024 дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе, бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон Дави миллӣ ва марафони велосипедронӣ баргузор гардид.**

Боиси ифтихор ва сарбаландист, ки ҳамасола дар ҷумҳурии мо бо ташаббус ва ибтикори бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Дави миллӣ баргузор мегардад.

Дави миллӣ, аслан дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2007 «Дар бораи Рӯзи дави миллӣ» ҳамасола дар ҷумҳурӣ якшанбеи сеюми моҳи май гузаронида мешавад. Мақсад аз баргузории ин чорабинӣ таҳкими тарзи ҳаёти солим, рушду инкишофи соҳаи варзиш ва оммавияти он дар байни аҳолӣ мебошад.

Дави миллӣ дар шаҳри Душанбе тавассути кӯчаҳои Карамов - хиёбони Ҳофизи Шерозӣ то Муассисаи давлатии «Наврӯзгоҳ» баргузор гардид. Дар ифтитоҳи расмии Дави миллӣ ва марафони велосипедронӣ дар пойтахт муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфиқор Гулаҳмадзода ва муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе Ҷамшед Табарзода суханронӣ намуда, доир ба ташвиқу тарғиби ҳаёти солим ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстию меҳанпарастӣ ибрози андеша намуданд.

Дар доираи Дави миллӣ танҳо дар шаҳри Душанбе зиёда аз 55 ҳазор нафар шаҳрвандони касбу кори гуногун ва дар марафони велосипедронӣ беш аз 1600 нафар иштирок намуданд.

Бояд гуфт, ки дар кишвари мо Дави миллӣ воситаи сарҷамъии миллат, дӯстию рафоқат ва воситаи ташвиқи тарзи ҳаёти солим ба шаҳрвандон мебошад. Имрӯзҳо ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ соҳаи варзиш дар мамлакат рушд намуда, варзишгарони тоҷик дар арсаи байналмилалӣ сазовори ҷойҳои ифтихорӣ мегарданд. Сохта ва ба истифода додани иншооти гуногуни варзиш ва муваффақиятҳои бузурги варзишгарони мамлакат аз рушду нумӯи варзиш дарак медиҳад.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА,**
**«Садои мардум»**



# ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Бистуми майи соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1», «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1», «Дар хусуси Созишномаи чаҳорҷӯбавӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1», «Дар хусуси Созишномаи агентӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, марҳилаи 1» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Ҳамчунин, масъалаҳо «Дар бораи таъсис додани гурӯҳи корӣ ҷиҳати такмили лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» ва «Дар бораи ҷамъбасти Озмуни ҷумҳуриявии асари беҳтарин дар мавзуи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» баррасӣ гардида, вобаста ба онҳо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# ВОХӮРИИ ВАКИЛОН БО МАСЪУЛИ БОНКИ ҶАҲОНӢ



**17-уми майи соли 2024 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ бо директори минтақавӣ оид ба рушди инсонӣ дар Аврупо ва Осиёи Марказии Бонки ҷаҳонӣ Михал Рутковский мулоқот намуданд.**

Дар мулоқот таъкид карда шуд, ки тӯли зиёда аз 20 сол Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба обу иқлимро дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд бомуваффақият пеш мебарад. Бо ибтикори Тоҷикистон Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид 5 қатъномаро марбут ба масъалаҳои обу иқлим ва ҳифзи пиряхҳо қабул намуд. «Соли байналмилалии оби тоза» (2003), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об-барои ҳаёт», солҳои 2005 - 2015», Соли байналмилалии «Ҳамкорӣ дар соҳаи об - 2013», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ва эълон намудани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» аз ҷумлаи иқдомҳои муҳими кишвари мо мебошанд.

Қабули қатъномаҳои мазкур имкон дод, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои мубрами глобалӣ, бахусус мушкилоти марбут ба об, тағйирёбии иқлим ва нестшавии пиряхҳо, бештар ҷалб гардида, барои ҳалли мушкилоти вобаста ба об ва беҳдошт, истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва ҳифзи пиряхҳо дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ тадбирҳои муштараки зарурӣ андешида шаванд.

- Мо аз Бонки ҷаҳонӣ барои дастгирии ҳаллу фасли масъалаҳои обу иқлим дар сатҳи ҷаҳонӣ изҳори миннатдорӣ баён менамоем. Умед дорем, ки ҳаҷми маблағгузориҳо ба Тоҷикистон барои амалӣ сохтани лоиҳаҳои афзалиятноки миллӣ вобаста ба пешгирӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим зиёд карда мешаванд.

Боиси қаноатмандист, ки рӯзномаи ҳамкориҳои дуҷонибаамон басо гуногунҷанба буда, соҳаҳои кишоварзӣ, муҳити зист ва рушди деҳот, сиёсати иқтисодӣ, рушди бахшҳои тандурустӣ, маориф, обу энергетика ва коҳиши сатҳи камбизоатиро дар бар мегирад, - таъкид гардид дар мулоқот.

2024 - «Соли маърифати ҳуқуқӣ»

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН - КАФИЛИ АМНИЯТИ ҶОМЕА

**Маърифати ҳуқуқӣ аз донистан, риоя намудани меъёрҳои қонунҳои давлат ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон иборат мебошад. Яке аз мақсадҳои асосии тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар тафаккури онҳо ҷой намудани фарҳанги ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Худи раванди тарбияи ҳуқуқӣ қисми таркибии саводнокии умумии аҳолӣ буда, аз се сатҳ - миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ иборат аст.**

Аслан, имрӯз дар шароити бавуҷудомадаи геополитикӣ ба талабот мувофиқ будани шуури ҳуқуқии ҷомеа ғайр аз субъектҳои ҳуқуқ боз аз урфу одатҳо ва дигар арзишҳои миллию давлатӣ низ вобастагӣ дорад. Умуман, ҳуқуқфаҳмию ҳуқуқдонӣ ба ҳар як шахс имкон медиҳад, ки мавқеи худро нисбат ба давлату ҷомеа муайян намояд.

Имрӯз мушоҳида мешавад, ки ҳамаи муноқишаю майдоннишиниҳо, ҳангомаю хунрезиҳо аз дарку фаҳмишу тафсири гуногуни қонунҳою ҳуқуқҳост. Барои шаҳрвандоне, ки касбияташон доштани шуури ҳуқуқии касбиро талаб надорад, донистани ҳадди ақалли қонуну ҳуқуқҳо кофист.

Яке аз шартҳои пешрафти давлати ҳуқуқбунёд тарбия, таълим ва тарғиби меъёру арзишҳои роҳи танзими қонунӣ ва одилонаи муносибатҳои ҷамъиятӣ имконпазир аст».

Тоҷикистон мувофиқи моддаи якуми Конститутсия ташкили давлати ҳуқуқбунёдро мақсади худ қарор додааст, ки дар раванди ташаккули чунин давлат ҳуқуқ нақши асосӣ дорад. Аз ин рӯ, аз худ кардани асосҳои ҳуқуқ вазифаи ҳар як шаҳрванд аст. Баъзеҳо чунин ақида доранд, ки дониши ҳуқуқӣ танҳо ба онҳое зарур аст, ки аз рӯйи касбу пеша фаъолият мекунанд, яъне ҳуқуқшиносанд. Ин андеша комилан ғалат аст. Донистани ҳуқуқ вазифаи шаҳрвандии ҳар як шахс, нишонаи фарҳанг, сатҳи ақлонӣ ва илму маърифати ҳар як шаҳрванд мебошад. Дар қисми 2 моддаи 42-юми Конститутсия беҳуда сабт нашудааст, ки «надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад». Ин меъёри конститутсионӣ моро уҳдадор месозад, ки қонунро донем ва онро риоя намоем.

Мақсади аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба танзим даровардани ҳаёти ҷамъиятӣ аз он иборат аст, ки ҳуқуқ ва демократияро ба ҳам пайваста, давлати ҳуқуқӣ бунёд карда шавад. Ташкили чунин давлат орзуи деринаи бисёр мутафаккирони ҷаҳон мебошад, вале ин роҳ душвор буда, паймудани он вақти зиёдро металабад. Барои ин, ба вуҷуд овардани заминаҳои муайяни сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва

Ақидаи сиёсии одамон дар мавриди муносибат ба ҳуқуқ мавқеи муайянкунанда дорад. Ҷойи баҳс нест, ки ҳуқуқ танзимкунандаи муносибати байни одамон аст. Инсон худ қонун эҷод мекунад ва онро дар ҳаёт татбиқ менамояд. Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии ҳуқуқэҷодкунӣ буда, ба ин навъи фаъолият ба таври касбӣ машғул аст.

Шуури ҳуқуқӣ ба одамон имкон медиҳад, ки ба рафтори худ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баҳо диҳанд. Шуури ҳуқуқӣ дар таркибаш мафкураи ҳуқуқӣ дорад, ки дар навбати худ аз мафҳум ва тасаввурот оид ба ҳуқуқ ва зуҳуроти он иборат мебошад. Ҳангоми таҳлили муносибати шаҳрвандон ба қонун метавонем дар шуури ҳуқуқӣ дигар унсурҳо, ба мисли унсурҳои иттилоотӣ, баҳодиҳӣ ва иродавиро ҷудо намоем. Омӯзиши махсус ҳангоми амалинамоии ҳуқуқ боис мегардад, ки шуури ҳуқуқии касбӣ ба миён ояд. Аслан, ин субъектҳо дониши баланди ҳуқуқии касбӣ дошта, онро дар амалия татбиқ намуда метавонанд. Табиист, ки ин гуна одамон маълумоти касбии ҳуқуқӣ доранд.

Шуури ҳуқуқии аҳолӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ба ҳам вобастагии зич дошта, дар ҳолати ба ҳам мувофиқ омадан боиси рушди низоми ҳуқуқии давлат мегарданд. Фарҳанги ҳуқуқӣ, аз ҳуқуқӣ буда, он бояд бо назардошти низоми ҳуқуқии давлатӣ ба роҳ монда шавад. 6 феврали соли 2018 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2028» ба тасвиб расид. Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 марти соли 1992 узви Созмони Милали Муттаҳид гардид ва бо ҳамин ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳайси субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ пайваст.



**Мавлудахон МИРЗОЗОДА,
муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон**

Маърифати ҳуқуқии миллати мо решаҳои қадиму таърихӣ дорад. Ҳанӯз дар замони Ҳахоманишиён нахустин Эъломияи ҳуқуқи башар аз ҷониби Куруши Кабир қабул шуда буд, ки муҳимтарин масъалаҳои вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқӣ ва арзишҳои инсониро дар бар мегирифт. Моли касеро зӯран нагирифтан, касеро ғулом накардан, мувофиқи кор музд гирифтан ва монанди инҳо нишонаҳои аввалини ҳуқуқи башар ё худ меъёрҳои ҳуқуқие буданд, ки ҷомеа тавассути онҳо идора мешуд.

Миллати тоҷик ба шарофати истиқлоли давлатӣ соҳиби давлати миллии худ гардид ва дар харитаи сиёсии ҷаҳон-давлате бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзи вуҷуд кард. Ҳамагон медонанд, ки дар ташаккули давлатдории навини миллии мо омили ҳуқуқ нақши ҳалкунанда дошт. Соли 1994 нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол қабул гардид ва бо ҳамин таҳкурсии ҳуқуқии давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи иҷтимоӣ гузошта шуд. Баъди таъсис ёфтани парламенти дупалатагӣ - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон қонунҳои зиёде қабул шудаанд, ки онҳо амалан ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи моро танзим мекунанд. Зиёда аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсияи худ уҳдадор шудааст, ки меъёрҳои аз ҷониби умум пазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалиро эътироф ва эҳтиром менамояд. Мулоҳизаҳои болоӣ моро ба як хулоса меоранд, ки он хеле муҳим аст: омили асосии пешрафти нафақат давлати мо, балки тамоми кишварҳои ҷаҳон ташаккули низоми пешрафтаи ҳуқуқӣ ва устувории қонуният дар ҷомеа мебошад. Ҳама гуна муносибатҳо бояд дар асоси ҳуқуқ танзим карда шаванд, ҳамаи одамон тобеи ҳуқуқ бошанд, қонун муқаддас дониста шуда, бечунучаро риоя гардад. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20-уми апрели соли 2006 ин нуктаро хеле хуб баён кардаанд: «Дар ҷомеаи мутамаддини муосир қонун ҳамчун воситаи танзимкунандаи ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа нақш ва мавқеи бебаҳс дорад, зеро пешрафти ҷомеа фақат бо

ҳуқуқӣ зарур аст. Бе баланд бардоштани сатҳи иқтисодию иҷтимоии ҷомеа, муҳайё кардани шароит барои ривоҷи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва кафолати риояи онҳо, масъулияти давлат дар назди шаҳрванд ва шаҳрванд дар назди давлат барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд аз имкон берун аст.

Асоси ҳуқуқии барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст. Дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ дар асоси он қабул карда шуда, бояд ба талаботи он мувофиқ бошанд.

Вазифаи асосии ҳуқуқ танзими рафтори одамон, ташкилотҳо ва муносибатҳои байни онҳост. Ин қоидаҳои рафтор ба ҳама ҳатмӣ мебошанд. Онҳо аз тарафи давлат қабул, муқаррар ва тасдиқ карда мешаванд. Яъне, ҳуқуқ низоми қоидаҳои ба ҳама ҳатмии рафтор буда, аз тарафи давлат қабул, муқаррар ва тасдиқ карда мешавад ва муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим медарорад.

Бо далели он ки меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат муқаррар карда мешаванд, иҷрои он барои тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист.

Мусаллам аст, ки ҳуқуқ муносибати одамонро нисбат ба худ ифода менамояд. Ин гуна муносибат метавонад мусбат ё манфӣ бошад. Дар ҳолати аз тарафи шаҳрвандон дарк шудани арзиш ва зарурати қонун ба ҳайси воситаи танзими ҷомеа муносибат ба қонунҳо ва ҳуқуқҳои инсон мусбат шакл мегирад. Агар инсон ҳуқуқро ҳамчун падидаи бефоида ва нолозим шуморад, он гоҳ муносибати худро ба ҳамаи он чизҳое, ки предмети батанзимдарории ҳуқуқ мебошанд, дар ин ё он шакл бо таври манфӣ ифода менамояд. Ин муносибат вобаста ба дарки моҳияти ҳуқуқ метавонад самаранок, оқилона ва пуртаъсир бошад. Бояд дар назар дошт, ки шуури ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ мебошад. Вай дар алоқамандӣ бо шаклҳои дигари шуури ҷамъиятӣ вуҷуд дошта метавонад. Шуури ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, бо ахлоқ вобастагии зич дорад, зеро одамон ба моҳият ва мафҳуми қонунҳо, рафтори қонунӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯйи меъёрҳои ахлоқӣ баҳо медиҳанд. Шуури ҳуқуқӣ бо ҷаҳонбинии фалсафӣ, ақидаҳои сиёсию мафкуравӣ ва динӣ зич алоқаманд аст.

он ки аҳолӣ то чӣ дараҷа арзишҳои ҳуқуқиро медонад ва доир ба муносибатҳои ҳуқуқӣ маълумот дорад, муносибати аҳолӣ ба қонун, суд, дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чӣ гуна мебошад, ақидаву мафҳумҳои ҳуқуқӣ то чӣ андоза дар шуури одамон акс ёфтаанд, вобаста мебошад.

Сатҳи инкишофи шуури ҳуқуқӣ мумкин аст танҳо дар фаъолияти воқеии ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқии одамон ифода ёбад. Барои ҳамин унсури дигари таркибии фарҳанги ҳуқуқӣ сатҳи инкишофи фаъолияти ҳуқуқӣ мебошад. Он аз фаъолияти омӯзишии донишҷӯён ва шунавандагони факултетҳо ва донишкадаҳои ҳуқуқӣ, инчунин, аз фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи он иборат аст. Ҳамзамон, фарҳанги ҳуқуқии ҷомеаро дар бисёр ҳолатҳо рафтори воқеии ҳуқуқии шаҳрвандон, фаъолияти онҳо доир ба амалӣ намудани ҳуқуқ, дараҷаи дониши ҳуқуқҳои худи онҳо ва сари вақт иҷро намудани уҳдадориҳо, инчунин, тамоми амалҳои манъшуда ва то чӣ дараҷа ҳуқуқҳои худро пурра истифода бурдани одамон муайян менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2001 инҷониб 24 Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардидааст. Дар ин Паёмҳо ба масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷинояту ҷинояткорӣ, бартараф кардани омилҳои коррупсионӣ, муқовимат ба экстремизму терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, ин падидаҳои манфии ҷамъиятӣ аз нигоҳи таъмини иҷрои қонун ва муҳофизати ҳуқуқҳои шаҳрвандон таҳлил гардидаанд. Барои мисол, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 30 апрели соли 2001 чунин сатрҳоро мехонем: «Мо ҳоло дар марҳалаи махсуси таърихии худ - давраи гузариш қарор дорем. Яке аз талаботи давраи гузариш ин аст, ки бо мақсади таъмини кафолатҳои ҳуқуқи инсон, адолати иҷтимоӣ, ҳамчунин, бо дарназардошти шароити марҳилаи гузариш ва давраҳои минбаъдаи пешрафти соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон, ба қонунҳои амалкунанда тағйироту иловаҳои саривақтию ҷавобгӯй ба талаботи иқтисоди бозорӣ ва муносибатҳои нави иқтисодиро ворид намоем». Таваҷҷуҳ намоед, ки аз нахустин Паёмашон сар карда Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи ҳуқуқ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд гардидани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ диққати махсус дода, дар ин росто ба қабул гардидани як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол ташаббусҳои бевосита анҷом додаанд.

# МАШВАРАТИ КОРӢ



**17-уми майи соли 2024 таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода бо мақсади тақвият бахшидани ҳамкорӣ бо Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон машварати корӣ баргузор гардид.**

Дар мулоқот ба масъалаи назорати истифодаи мақсаднок ва самараноки воситаҳои буҷетӣ, баланд бардоштани нақши Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт изҳори назар карда шуд.

Ҳамзамон, ҷиҳати тақвият додани ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳо ва пешниҳодҳои мушаххас ироа гардиданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,
мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМОҶТ**

**Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар», Кумитаи телевизион ва радио, Хадамоти алоқа, вазоратҳои фарҳанг, маориф ва илм, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, рушди сайёҳӣ, идораи нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Народная газета», «Минбари халқ» ва маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон» фестивал-озмуни «Вассофи Ватан»-ро эълон намуданд. Беш аз як моҳ мешавад, ки фестивал-озмуни мазкур дар ҷумҳурӣ ҷараён дорад. Тибқи низомнома, озмун шаш моҳ идома ёфта, натиҷаҳои он моҳи ноябри соли равон – дар арафаи Рӯзи Парчами давлатӣ эълон мегардад.**

**Ҳадафи баргузории озмун чист? Аз рӯи кадом номинатсияҳо доир мешавад ва дар он киҳо метавонанд иштирок намоянд?**

# ФЕСТИВАЛ-ОЗМУНИ «ВАССОФИ ВАТАН»

## Ғолибонро чӣ интизор аст?

Фестивал-озмун эҷодӣ мебошад. Он дар асоси банди 27 «Ҷадвали баргузории ҷашну солгард, фестивалу намоиш, иду озмунҳои фарҳангию маърифатӣ ва анъанаҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024», ки бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ шудааст, аз рӯи чор номинатсия - «Беҳтарин маводи насрӣ (мақола, ҳикоя, қисса ва ғайра)», «Беҳтарин ролики таблиғотӣ, барнома ё филми муаллифии кӯтоҳ», «Беҳтарин тарғибгари дастовардҳои миллӣ» ва «Беҳтарин тарғибгари мавзеъҳои сайёҳӣ» доир мешавад. Дар он журналистон ва корбарони саҳифаҳои иҷтимоии шабакаи интернет (блогерон) иштирок карда метавонанд.

Фестивал-озмун ҳадафи муҳим: тарбияи эҳсоси ватандӯстӣ ва ифтихор аз истиқлоли давлатӣ, эҳтирому муҳаббат ба Ватан дар пай дорад. Тасмими таъсисдиҳандагони фестивал-озмунро метавон ҳамовозӣ ба иқдомҳои неки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои инкишофу таҳкими тарбияи худшиносию ватандӯстии сокинони кишвар арзёбӣ кард.

Ватандӯстӣ, пеш аз ҳама, дар хидмат кардан ба Ватан, боло гузоштани манфиатҳои Ватан аз манфиатҳои шахсии худ ифода меёбад. Мақсади масъулони фестивал-озмун тавассути нигошта ва видеороликҳои муассиру таҳрикдиҳанда ин маъниҳои нобу муассирро ба насли наврас расондан аст. Матолиби ба озмун пешниҳодшуда бояд муаррифгари дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, таърихи миллати тоҷик ва фарзандони фарзонаи сатҳи ҷумҳурӣ ва ҷаҳонии Тоҷикистон бошанд.

Мақолаҳои пешниҳодшуда бояд аз 2 то 5 саҳифа бошанд. Давомнокии видеоролик 3-5 дақиқа, барнома ё филми муаллифии кӯтоҳ то 15 дақиқа муқаррар шудааст. Тибқи талаботи низомнома, дар фестивал-озмун танҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат карда метавонанд. Матолиби ба озмун пешниҳодшуда бояд ба забони давлатӣ ё ба забони русӣ таҳия шуда, дархост ба почтаи электронии ozmun@khovar.tj ирсол гардад. Нишон додани ному насаб, санаи таваллуд, ҷойи кор ва вазифа, суроғаи макони зист ва шумораи телефони довталаб дар дархости пешниҳодшуда ҳатмӣ мебошад.

Ба ҳайати ҳакамони фестивал-озмун намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти вазорату идораҳои масъул ва сармуҳаррирони маҷаллаву рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ шомиланд. Тибқи тартиби баргузорӣ ва ҷамъбасти он, ҳамчунин, ба хотири таъмини шаффофият аъзои ҳакамони фестивал-озмун наметавонанд маҳсули муаллифонеро, ки бо онҳо дар як муассиса кор мекунанд, арзёбӣ намоянд. Нафароне, ки аз ҷониби ҳайати ҳакамон ғолиб эълон мешаванд, бо мукофоти пулӣ, диплому сипоснома ва дигар туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз мешаванд. Ба ғолибони ҷойи якум 7 000 сомонӣ, ҷойи дуюм 5000 ва ҷойи сеюм 3 000 сомонӣ тақдим мегардад. Онҳо, ҳамчунин, тавассути барномаҳои телевизиону радио, маҷаллаю рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва сомонаю саҳифаҳои расмии интернетӣ муаррифӣ гашта, ҳуқуқи иштирок дар чорабиниҳои маърифатию сиёсӣ ва гурӯҳҳои ташвиқотию тарғиботиро пайдо менамоянд.

Чанде пеш аз ҷониби кумитаи тадорукоти фестивал-озмун рамзи он омода шуд, ки намуди доирашакл дорад. Атрофашро хатҳои даврашакл бо рангҳои Парчами давлатӣ фаро гирифта, дар гирди қисми болоии рамз бо забони тоҷикӣ номи озмун - Фестивал-озмуни «Вассофи Ватан» навишта шудааст. Дар дохили давра ҷузъиёти асосии рамз - таҷҳизоти аксбардорӣ, баландгӯяк, нишонаи сомонаҳои интернетӣ, дафтари кушода ва хома чун таҷассуми ҳамаи бахшҳои фестивал-озмун ҷой дода шудааст. Дар маркази давра унсури ҳунармандӣ - намунае аз асолати миллии мардуми тоҷик ҷойгир мебошад. Дар маҷмӯъ, рамз мақсад ва мароми озмунро возеҳ ифода менамояд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,
«Садои мардум»**

Барои дарёфти Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**Бо қарори Кумитаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соҳаи адабиёт, санъат, меъморӣ ва журналистикаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси низомномаҳои кумита ва ҷоиза, қарорҳои бахшҳо ва раёсати кумита барои дарёфти Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли 2024 асарҳои довталабон дар соҳаи адабиёт, санъат, меъморӣ ва журналистика пешниҳод шудаанд, ки дар бахши журналистика асари нодири «Аз дирӯзу имрӯзи адабиёти тоҷик» (маҷмӯаи очерк, мусоҳиба ва мақолаҳои публитсистӣ, нашриёти «Адиб», 2022)-и адабиётшинос, мунаққиди номдор Абдураҳмон Абдуманнонов аз зумраи онҳост.**

**Кароматуллоҳи МИРЗО,**
**Нависандаи халқии Тоҷикистон**

# ДОНИШМАНД

## Абдураҳмон Абдуманнонов аз назари дӯстӣ ва бародарӣ



### БОЗ ХАБАРИ ХУШ

Пагоҳӣ қатӣ дар ҳуҷраам ҷамъ омада будем. Ҳама мудирони шуъбаҳои нашриёт. Устод Қутбӣ Киром, мудири шуъбаи адабиёти классикӣ, даст бардоштанд, чизе гуфтанӣ буданд, ки садои занги телефон. Аз гӯшӣ овози вазир, ноҷур, хафанамо. Таъкид гардид, ки наздашон дароям. Чӣ гап? Тинҷӣ бошад?

Ба вазорат шитофтам. Дар қабулгоҳи вазир одам бисёр. Ман дар навбати аввал қабул мешудаам. Мушовирашон Мирзобадал дар паси дар, яке аз дӯстони банда.

- Маро ҷеғ заданд, намедонед барои чӣ? – аз ӯ пурсон шудам. Табъаш хира, сухане нагуфта аз ҷайбаш дору гирифт, ба таги забон монд. Дарро кушод, ки дароям. Баръакси ҳаррӯза вазир ба истиқболам аз паси миз берун баромад, курсиеро пеш кашид, нишастам. Наздам як пиёла чой гузошт. Баъд аз андаке хомӯшӣ гуфт, ки «як гап», намедониста, ки чӣ тарз ба ман бигӯяд.

Ниҳоят ба гап даромад. Аз Дастгоҳи иҷроияи Президент супориш шуда, ки маро аз вазифаи директори нашриёт озод намоянд. Соатҳои ёздаҳ мудири шуъбаи фарҳанги Дастгоҳи иҷроияи Президент Абдураҳмон Абдуманнонов омада, рафиқи дигаре, ба ҷоям таъин мешудааст. Канӣ касе, ки барои аз вазифа мондан нохуш нашавад? Бароям ногувор. Дар фикр будам, ки чаро аз дастгоҳ фармоиш, ки маро аз вазифа гиранд, чаро? Бандаро медонанд, мешиносанд, камбудие нагузашта, ду рӯз пештар дар сафари Ҷаноби Олӣ, Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамроҳашон будам. Меҳрубонӣ, пурсупос, гуфтанд, ки ба нашриёт боз пул ҷудо мешуда аст.

Рӯзҳои аз вазифа барканор шуданам мегузаштанд, хафагӣ, маъюсӣ. Гоҳе миш-миш гӯё дар атрофи камина гап шуда. Маро ҷеғ мезадаанд, як умеде, агар шамол набошад, барги дарахт намеҷунбад, мегӯянд. Кош ҳамин гапҳо рост, кош шамол бошад.

Дар Иттифоқи нависандагон маҷлис. Ҷои нишасти мою Абдураҳмон Абдуманнонов ва устод Муъмин Қаноат дар паҳлуи ҳам. Аз ҳамон рӯзи аз вазифа озод шуданам бо Абдураҳмон вонахӯрда будам. Саломуалайк кардем.

- Акаи Кароматулло, чӣ ҳол доред? Нағз ҳастед? - пурсон шуд.

- Медонед, аҳволам нағз, бисёр нағз, - киноя задам.

- Зиқ нашавед, ба сари одам ҳар хел рӯз меояд, шодию ношодӣ, - маро тасаллӣ дода, як чӣ медонистагӣ барин афзуд: - Ҳамааш нағз мешавад, ака, гап-гап. - Давомашро напурс.

- Чӣ гап? - пурсидам.

- Баъд мефаҳмед, - гуфт Абдураҳмон ва таъкид кард, ки лаб накушоям, хомӯш будан беҳтар.

Бо табъи хуш, чеҳраи кушод ба нашриёт бармегаштам. Дар роҳ бо як нафар корманди вазорат вохӯрдам. Ӯ ҳам хотири маро шод намуд. Аз Дастгоҳи иҷроияи Президент ҳуҷҷатҳо ва варақаҳои кории бандаро бурдаанд. Аз ин хуштар боз чӣ муждае? Аз дари идора даромадам, гуфтанд, ки аз дастгоҳ сим зада маро пурсидаанд. Дар паси дари ҳуҷраам варақе, ному рақами телефон. Сим задам, дар ҷустуҷӯи ман саргардон шуда будаанд. Соати даҳ бояд дар қабулгоҳи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳозир мешудаам, бо либосҳои расмӣ.

### АЗ НОУМЕДӢ БА УМЕД
**Чеҳраи гандумгуну дили сафед**

Воқеаи таърихӣ буда, ки як муддат мудирони шуъбаҳои фарҳанг ва иттилоотию таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҷумҳурӣ ҳар ду узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон. Инҳо адибон Абдураҳмон Абдуманнонов ва Кароматуллоҳи Мирзо. Ва ин боз гувоҳие аз ғаморӣ, эҳтирому эътибори беандозаи Сарвари давлат ба мо - аҳли адабу фарҳанг аст.

Бародар Абдураҳмон аз ман пештар дар вазифаи мудири шуъбаи иттилоотию таҳлилӣ, баъд мудири шуъбаи фарҳанги дастгоҳ, банда ба ҷои вазифаи пешинаи вай.

Дар масъалаи ба ҷои касе ба вазифа омадан хушӣ ва нохушӣ. Нохуш оне, ки аз вазифа меравад, ранҷиш, дилмондагӣ. Аммо барои мо ин тавр набуд. Шояд худи Абдураҳмон маро ба ҷояш тавсия дода. Баъд аз вазифадор шуданам ба ҳуҷраам омад, ҳуҷрае, ки солҳо дар ин ҷо заҳмат мекашид, бо ҳамкорон одат карда ба мисли ёру бародар. Маро ба онҳо шиносонд, таърифу тавсиф, боз хоҳише хуб кор кунанд. Дар Иттифоқи нависандагон ҳам бо Абдураҳмон ҳамкор, дӯстони наздик будем. Аз рӯзи ба дастгоҳ омаданам меҳрубонтар, дар ҳоле ки ба атрофиён ҳанӯз ноошноам. «Корҳо хуб мешаванд»,- мегуфт. Маслиҳат мепурсидам, саволҳои беҳисоб, тоқат мекард. Ҳамеша чеҳра - кушода, ҷоннисор.

Аз хотирам намеравад. Рӯзи аввали ба вазифа омаданам қарибе гапшунав шуда будам. Ба маҷлиси Ҳукумат аз шуъба масъалае пешниҳод мешудааст, тағйиру иловаҳо ба як қарор вобаста ба иттилоот. Зафар Саидов котиби матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он масъул буданд. Масъалаи омоданамуда муҳим, ба нақшаи маҷлиси Ҳукумат дохил. Сарвазир муҳтарам Оқил Ғайбуллоевич маҷлисро мегузарондааст. Вақти оғози маҷлис соати ду. Маводро ба шуъба баргардонданд, дар он имзои масъули масъала Зафар Саидов набудааст. Камбудии ҷиддӣ.

Оҷилан аз пайи пайдо намудани Зафар Саидов афтодем. Ба телефонаш занг болои занг, ҷавоб нест.

Абдураҳмон Абдуманнонов дар он лаҳзаҳо ҳамроҳамон. Аз мо бештар дар ташвиш. Мегуфт, ки ин хел воқеа нашуда, ки масъала дар муҳокимаи маҷлис, масъулаш ба он имзо нагузошта. Ӯ ноосуда, парешон, гӯё ҷои орамидан намеёфт. «Ман ҳозир, акаи Кароматулло, ман ҳозир», - гуфта аз ҳуҷраи мо баромад. Ба суроғу пай гӯё нишона ёфта. Зафар дар Варзоб, дар табобатгоҳи ҷумҳуриявӣ. Ӯро ёфта, имзояшро гирифтааст. «Акаи Кароматулло, зиқ нашавед», коғазҳоро ба пешам гузошт. Ҳамроҳ вориди маҷлисгоҳ шудем. Дар ҷойҳои муайяншудаамон паҳлуи ҳам нишастем, осуда шуда будем.

### БАЪД АЗ ДАФН ҶАЗО

Роҳи мо аз паси дари ҳуҷраи муовини Сарвазир. Гоҳе, агар дарашон боз бошад, бо ёрдамчиашон Алиҷон Шоҳназаров вомехӯрдем, чеҳрааш кушода, меҳрубонона. Вақтҳои охир ҳангоми аз наздаш гузаштан пагоҳӣ қатӣ хабарҳои нохуш: «Устод Убайд Раҷаб аз олам гузаштаанд». Ё пас аз чанд рӯзи дигар: «Медонед чӣ? Собир Зикирзода қазо кардаанд, раҳматӣ одами хуб буданд» .

Пагоҳии шанбеи 22.01.2005, **д**ар нимроғ, баъд кушода шуд. Алиҷон тарафам омад, овозаш парешон.

- Медонед-чӣ, акаи Кароматулло? - бо табъи хира ба гап даромад.

- Нохушӣ. Муовини вазири фарҳанг Моҳирхӯҷа Султонзода нобуд шудаанд.

- Наход? - боварам намеомад.

- Соати даҳ ҷаноза, - Алиҷон таассуф мехӯрд, ғамгинтар шуда буд.

- Ҳайф шудааст, сад ҳайф, - бо дили пуралам ба роҳам қадам мондам. Дари ҳуҷраамро кушодам, телефон пайи ҳам занг мезад.

- Шунидед, акаи Кароматулло? - овози андуҳгинонаи Абдураҳмон Абдуманнонов.

- Чӣ кор мекунем? Меравем? - пурсидам.

- Нарафта намешавад. Лекин дина роҳбари дастгоҳ гуфта буданд, ки имрӯз вохӯрӣ.

- Вохӯрӣ бо хориҷиён?

- Вазифаи шуъбаи мо, - гуфт Абдураҳмон.

- Ҷавоб гирифтанамон лозим.

- Медонам, нарафта наметавонем, наравем, чӣ мегӯянд? Бачаҳояшон ҳеҷ гап не, лекин ба рӯи модараш чӣ хел нигоҳ мекунем? Ҳар боре хонаашон равем, ба мою шумо кампир ҳазор бор мемираду мезиҳад. «Шумо бачаҳом, ба қатори Моҳирхӯҷаам». Ҷаноза меравем. - хулоса намуд Абдураҳмон.

Бесабаб не. Абдураҳмону Моҳирхӯҷа ҳамкурс будаанд, бародар барин. Ҳарду олим, ҳампеша. Моҳирхӯҷа аксар аз Абдураҳмон маслиҳат мепурсад, баъд корҳояшон ҳамеша алоқаманд. Абдураҳмон мудири шуъбаи фарҳанги Дастгоҳи иҷроияи Президенту Моҳирхӯҷа муовини вазири фарҳанг. Баъд пайвандии дигар, ки Моҳирхӯҷа ба маъракаҳояш ҳамеша Абдураҳмонро алоҳида ҷаҳд менамояд. Хурсандиҳо дар рӯи ҳавлӣ, рақсу суруд. Тавонанд – натавонанд, ҳама дар рақс, аз ҷумла вақтҳои дастҷунбониҳои Моҳирхӯҷа Абдураҳмон ҳам бо ӯ дар рақс. «Абдураҳмон, ту ҳам бачамӣ», - модар дастҳои ӯро мебӯсид.

Банда бо Моҳирхӯҷа аз дигар ҷиҳат қарину ошно, ӯ донишҷӯ буду ба газетаҳо мақола менавишт, назди ман ба редаксияи «Тоҷикистони советӣ» меомад, мақола меовард, мақолаҳояш чоп мешуданд. Шиносоии банда бо Моҳирхӯҷа боз сабаб дошт. Дар бораи модараш очерк навишта будам, Хосият Султонова аслан аз Бухоро ба Тоҷикистон омада. Омӯзгори хизматнишондодаи ҷумҳурӣ, дар замони шуравӣ бо ордени Ленин шарафманд гашта, соҳиби чандин нишону ифтихорномаҳо, аз омӯзгорони аввалин дар ҷумҳурӣ, аз ҳисоби бонувон, соҳиби 12 фарзанд. Се бача аз шавҳар, нуҳтои дигар ҷигарбандони худи модар, нигоҳубин барои ҳамаи фарзандон бетафовут, ҳамаашон барояш як хел азиз, як хел тарбият ёфта, ба камол расиданд. Имрӯз бо ҳам хоҳару бародар, маълумоти олидор, Моҳирхӯҷаю Пӯлодҷон номзадҳои илм. Марги Моҳирхӯҷа дар пирӣ ба сари модар кӯҳи ғам.

Абдураҳмону банда дар паҳлуи модар. Ҳа, ҳамин тавр, роҳбари дастгоҳ моро ҷавоб надоданд, гуфтанд, ки фақат як соат, равему биёем. Вохӯрӣ бе иштироки мо намегузаштааст.

***

Ҳавлии Моҳирхӯҷа. Аз он садои оҳу афғон ба фалак, гиряву нола. Баробари ба дарвоза қадам мондан назари модари ӯ ба ману Абдураҳмон афтод, гоҳе ба худу гоҳе аз ҳуш мерафт, рӯ ба мо овард «Бачам, Абдураҳмон, устод Кароматулло, биёед, Моҳирхӯҷаи додаратон маърака дорад, маъракаи хайрбод, аз ман, аз хона меравад, ба по не, ба сар меравад.

Бинедаш, «дидорҳо ба қиёмат», гӯед. Дар паҳлуи ман бошед, қуввату мадори дили ман шавед, аз пояи тобуташ бардоред. Сари манзилаш намеравам, дар хиҷолат мемонад, дастҳо пеши бар ба пешвозам намехезад. «Биёед, оча, ҷон, очаҷон, биёед!» намегӯяд. Инсоф кунад, маро ҳам ба наздаш барад, тезтар барад». Модар бехудона чиҳое мегуфт, аз мо, аз «меҳмонҳо»-и бачааш Моҳирхӯҷа назар намеканд. Намегузошт лаҳзае аз ӯ дур бошем. Дигар ку хаёле, ки аз рӯи талаби роҳбари дастгоҳ мо аз назди модар зудтар бархезем. Мо гирифтори нолаю оҳу афғони модари бародарамон Моҳирхӯҷа. Пояи тобуташ дар дастамон, ҳамроҳаш мо дар гӯристон, дар назди манзили абадии ӯ, рӯзи офтобӣ, мисле баҳор, дар гирду атроф сабза дамидааст, сабза сар аз хок бароварда, вале бародари мо Моҳирхӯҷа ба хок меравад. Болои гӯраш хок мепартофтем. «Хайр, бародари азиз, хайр, Моҳирхӯҷа», - мегуфтем.

Вақте ба дастгоҳ баргаштем, рӯз қарибе бегоҳ. Вохӯрӣ бо хориҷиҳо кайҳо гузаштааст. Рӯзи дигар, пагоҳӣ қатӣ роҳбари дастгоҳ моро наздаш хонд, аз қошу қавоқҳояш барфу борон не, жола меборид. Ба мо ҷазо эълон намуд ва аз мукофоти ҳармоҳаамон маҳрум кард.

Зикри хайр

# ҚИСМАТИ СОҲИБДИЛ

**Зиндагиномаи мардони фидоӣ пур аз корнамоӣ, бурду бохт ва талош аст. Авроқи рангини зиндагии фарзандони фарзонаи миллат маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ аз нав эҳё гардид. Акнун рӯзноманигорону пажӯҳишгарон имконият пайдо намуданд, ки ба мавзуъҳои таърихӣ, муаррифии чеҳраҳои миллат назари нав дӯхта, нақши симоҳои мондагорро пурра муайян намоянд.**



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корномаҳои фарзандони Тоҷикистонро намунаи олии садоқат ба Ватан арзёбӣ намудаанд: «Омӯхтани таҷрибаи зиндагӣ ва корнамоиҳои фаъолияти собиқадорони ҷангу меҳнат ва истифодаи маслиҳату рӯзгори ибратомӯзи онҳо ба наслҳои имрӯзу фардои Ватани азизамон дар роҳи ҳифзи истиқлолу озодӣ, рушди кишвари соҳибихтиёри тоҷикон, ҳимояи марзу буми он ва манфиатҳои милливу давлатӣ дастури зиндаи амал ва сабақи зиндагӣ ба ҳисоб меравад».

Зиндагиномаи қаҳрамони мо низ пур аз саҳифаҳои рангини корнамоиҳои бемисли як тоҷикписар аст, ки дар сохтмони нахустин хоҷагиҳои коллективӣ нақши мондагор гузоштааст. Собиқадори меҳнат, собиқ раиси Президиуми Шурои Олии Тоҷикистон зиндаёд Ғоибназар Паллаев аз нахустин фотеҳони водии Вахш мебошад. Рӯзгору сарнавишти ин марди накуном рангин аст. 20-уми майи соли 1929 ба дунё омадааст. Падараш Палла-полвон, аз одамони барӯманд буда, Ғоибназарро аз кӯдакӣ дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия намудааст. Ғоибназар соли 1948 мактаби миёнаи шаҳри Хоруғро хатм карда, ба шаҳри Душанбе меояд ва таҳсилро дар Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон идома медиҳад. Баъд аз хатми донишгоҳ соли 1954 як муддат дар ноҳияи Ҷиликӯл (ҳоло Дӯстӣ) кору фаъолияти пурсамар дошт. Сипас, чун ҷавони кордону ташаббускор, директори «МТС»-и ноҳияи Москва (ҳоло Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) таъин гардид. Моҳи феврали соли 1958 дар шаҳри Москва дар анҷумани пешқадамони соҳаи кишоварзӣ ширкат намуда, бо туҳфаи хотиравии Ҳукумати ИҶШС сарфароз гардид.

Дар он солҳо аллакай роҳбарият дар симои ӯ роҳбари кордону оқилро диданд. Ин буд, ки соли 1959 муовини вазири кишоварзии Тоҷикистон таъин шуд ва то соли 1961 дар ин вазифаи масъулиятнок фаъолият намуд. Баъдтар, котиби якуми Кумитаи ҳизбии ноҳияи Ашт, сипас, котиби якуми Кумитаи ҳизбии ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) интихоб шуд. Соли 1977 Ғоибназар Паллаев котиби якуми Кумитаи ҳизбии вилояти навтаъсиси Қӯрғонтеппа (ҳоло Хатлон) таъин гардид.

Бо роҳбарии вай корҳои хайру мондагор ба анҷом расид. Симои шаҳр дигар шуда, нахустин биноҳои маъмурӣ, иншооти кишоварзӣ ва мактабҳои миёнаву олӣ қомат афрохтанд. Ҳамон солҳо кӯчаҳои Қӯрғонтеппа аз нав тарҳрезию асфалтпӯш гаштанд. Бинои алоҳидаи театру омӯзишгоҳи кишоварзӣ бунёд шуд. Ободӣ дар самти эҳёи марказҳои фарҳангию маъмурӣ ва тандурустӣ ҷоннок гашт. Қасри фарҳангу боғи истироҳатӣ ободу зебо шуда, ҷои истироҳату дӯстдоштании мардум гардид. Бо талошу заҳматҳои ӯ дар як муддати кӯтоҳ водии Вахш ба минтақаи пешрафтаи кишоварзӣ табдил ёфт. Акнун кишоварзони Вахш сокинони шаҳрро бо маҳсулоти полезӣ ва мевагӣ таъмин менамуданд.

Соли 1980, замони роҳбарии Ғоибназар Паллаев вилояти Қӯрғонтеппа ба давлат 480 ҳазор тонна пахта супорида, нақшаро пеш аз муҳлат барзиёд иҷро кард. Вилояти Қӯрғонтеппа ду маротиба ғолиби мусобиқаи ҷумҳуриявии сотсиалистӣ шуда, бо нишони Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи шаҳри Москва сазовор гардидааст. Ғоибназар Паллаев ҳамон сол бо ордени Ленин сарфароз гардид.

Фаъолияти ҷамъиятӣ ва роҳбарии Ғоибназар Паллаев доманадор ва серпаҳлу буда, номбурда дар тамоми ҷанбаҳои меҳнат ва роҳбарӣ аз худ намунаи баланди инсондӯстӣ ва серталабӣ нишон додааст. Пеш аз нафақа (соли 1990) раиси Президиуми Шурои Олии Тоҷикистон буд. Аз соли 1990 то дами марг раисии Кумитаи якдилӣ ва ҳамраъйии халқҳои Осиё ва Африқоро дар Тоҷикистон ба зимма дошт.

Дар замони соҳибистиқлолӣ барои гиромӣ доштани хотираи ин марди наҷиб тадбирҳои зиёд амалӣ шудааст. Хизматҳои чандинсолаю бенуқсони собиқадори ҷангу меҳнат зиндаёд Ғоибназар Паллаев бо ду ордени Ленин, медалҳои «Барои ғалаба ба Германияи фашистӣ», «Барои шуҷоат» ду ордени «Нишони фахрӣ», медали «Ветерани меҳнат» ва Ифтихорномаи КМ ПК Тоҷикистон қадр шудааст.

Фарзандону пайвандонаш номбардори номи неки волидайн буда, ҳоло дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ кору фаъолият доранд. Онҳо идомабахши роҳи падар буда, хотираи ӯро пос медоранд.

**Маҷид САЛИМ,**
**нависанда**

# ҒОЛИБИЯТИ РӮЗНОМАНИГОРИ ТОҶИКИСТОНӢ ДАР ОЗМУНИ «ҚАЛАМИ ТИЛЛОӢ»



**Рӯзноманигори собиқадори ӯзбекзабони Тоҷикистон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, муассис ва сардабири нашрияҳои «Устоз», «Ӯқувчилар газетаси» ва маҷаллаи «Кичкинтой» Сулаймон Эрматов дар 18-умин озмуни рӯзноманигорон таҳти унвони «Олтин қалам» («Қалами тиллоӣ»), ки дар Кохи «Ӯзбекистон»-и шаҳри Тошканд баргузор шуд, дар номинатсияи «Беҳтарин матолиб дар бораи Ӯзбекистон миёни рӯзноманигорони хориҷӣ» сазовори ҷойи якум гардид.**

Ҷойи дуюм ба хабарнигори ТАСС дар Ӯзбекистон Валерий Бирюков (Федератсияи Россия) ва муҳаррири нашрияи дипломатии «The Economic Times» Дипанҷан Рой Чоудҳурӣ (Ҳиндустон) дода шуд. Дар ин номинатсия Ҷеймс Дурсо, хабарнигори «The Hill» (ИМА) ва Галина Полонска, хабарнигори телевизиони «Euronews» (Франсия) соҳиби ҷойи сеюм гардиданд.

Дар озмуни мазкур соли равон зиёда аз 600 рӯзноманигор аз 41 кишвар ширкат варзида, 4000 матлаби эҷоднамудаашонро пешкаши ҳакамони озмун карданд.

Рӯзноманигори хушсалиқа Сулаймон Эрматов солҳои зиёдест, ки дар хусуси робитаҳои фарҳангию адабии мардуми тоҷику ӯзбек мақолаҳои ҷолиб менависад. Навиштаҳояш дар рӯзномаҳои «Садои мардум», «Ҷумҳурият» «Минбари халқ», «Омӯзгор, «Адабиёт ва санъат», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Халқ овози» ва «Муҳаббат ва оила» пайваста чоп мешаванд.

Аз ҷумла, «Дӯстии Мирзо Турсунзода бо шоира Зулфия», «Дӯстии Садриддин Айнӣ бо адибони ӯзбек», «Ғафур Ғулом ва адибони тоҷик», «Дӯстии ибратбахши ду пояи миллат» ва дигар мақолаҳояш миёни хонандагон ҳамовозии гарму ҷӯшон пайдо намуд. Маҷмӯи мақолаҳои дар мавзуи дӯстии ду халқи бародар навиштааш дар шакли китоби алоҳида бо номи «Гуфтугӯ аз дӯстӣ дорем мо» дар нашриёти КВД КТН «Шарқи озод» ба табъ расидааст.

Сулаймон Эрматов, инчунин, муаллифи китобҳои «Сухан аз об бигӯ», «Одоби оиладорӣ», «Модарам, ҷон модарам», «Дунё ба кафи туст, эй зан», «Таманно», «Онагинам», «Садоқат гуллари», «Бешкент тароналари» ва як қатор китобҳои дарсӣ мебошад.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

# БИНОҲОИ НОДИРИ ПАРЛАМЕНТҲО

**Қасри парламенти Руминия, ки онро қасри Чаушеску низ меноманд, калонтарин бинои парламент дар Аврупо ва вазнинтарин бино дар ҷаҳон мебошад.**



Барои бунёди ин иншоот 3 миллиард доллар сарф шудааст. Дар сохтмони он, ки соли 1984 бо пешниҳоди роҳбари онвақтаи Руминия Николае Чаушеску оғоз ёфт, 700 лоиҳакашу меъмор ва 20 ҳазор коргар ширкат дошт.

Имрӯз дар ин бино ҳар ду палатаи парламент, Суди конститутсионӣ ва Осорхонаи санъат фаъолият мекунад.

**Яндекс.ру**

**Парламенти Британия Кабир дар қасри таърихии Вестминстерск ҷойгир аст. Он дар қарни XIX, дар соҳили дарёи Темза, аз рӯи лоиҳаи Чарлз Баррӣ ва Огастес Уэлбӣ Пюҷин бунёд ёфтааст.**



Соли 1834 дар натиҷаи сӯхтор ва соли 1941 бар асари бомбаборон бино сахт осеб дид. Баъдан, онро аз нав барқарор карданд.

Дар толори ҷаласаҳои палатаи поёнии парламент 650 вакил ҷой мегиранд. Палатаи Лордҳо палатаи болоии парламент мебошад.

**Яндекс.ру**

**Парламенти Шри-Ланка дар як мавзеи зебои табиат - дар соҳили кӯли сунъӣ қомат афрохтааст. Дар ин мавзеъ қалъа ва маркази маъмурии кишвари ба ном Шри-Ҷаярденепура - Коте воқеъ буд.**



Намои он бо сақфи зебои рангааш аз дур ба бинои афсонавӣ монанд аст. Дар паҳлуи бинои мазкур аз рӯи тарҳи меъмор - лоиҳакаши маҳаллӣ Ҷефрӣ Бава шаҳрчаи ҷолиб бунёд ёфтааст. Вақте аз пайроҳаҳои ин қаср ба сӯи дохили бино меравед, таваҷҷуҳи шуморо дарахтони гуногун, аз ҷумла дарахтони оҳанини бо гулҳои сафеди хушбӯй пӯшонидашуда, ҷалб мекунанд.

**Яндекс. ру**

**Қасри боҳашамати Конгресси миллии Аргентина дар шаҳри Буэнос-Айрес ҷойгир аст. Соли 1895 барои сохтмони қаср озмун эълон шуд, ки дар он 28 меъмор аз тамоми ҷаҳон иштирок карданд.**



Дар озмун меъмори итолиёвӣ Витторио Меано пирӯз шуд. Вай пешниҳод кард, ки биноро дар сабки неокласситсизм бунёд кунанд. Соли 1906 қаср кушода шуд, аммо корҳо дар он ба анҷом нарасида, 40 соли дигар идома ёфтанд.

Хусусияти бино манораи 80-метра мебошад, ки вазнаш 30 ҳазор тонна аст. Ғайр аз ин, қасрро сутунҳо, ҳайкалҳо ва дигар ашёю ҷиҳоз оро медиҳанд.

**МИР**

**Таҳияи Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 422174 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 27.05.2024 11:30:00 |
| 2 | 422166 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сӯзишвории дизелӣ, гази моеъ ва бензин | Озмуни кушод | Мол | 3 | 06.06.2024 15:07:47 |
| 3 | 422167 | Кӯдакистони №1 дар шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 8 | 06.06.2024 15:12:12 |
| 4 | 422168 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони қисми ҳарбии 0214-и отряди сарҳадии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (идомаи корҳои сохтмонии бинои таълимӣ ва хобгоҳ, корҳои заминӣ ва оҳанубетонӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.06.2024 15:21:21 |
| 5 | 422170 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои таълимӣ дар назди МТМУ №34-уми Ҷамоати деҳоти ба номи Ҳамробоеви шаҳри Конибодом (идомаи корҳои сохтмонии толори варзишӣ ва даромадгоҳ, корҳои оҳанубетонӣ, насби фермаҳои металлӣ, васли тахтаҳои фарш ва корҳои пардоздиҳӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.06.2024 15:27:07 |
| 6 | 422165 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётӣ барои мошинҳои боркаш | Озмуни кушод | Мол | 36 | 06.06.2024 15:30:00 |
| 7 | 422172 | Кӯдакистони №1 дар шаҳри Хуҷанд | Молҳои нарм, кати хоб, кати дуқабата, матоъ барои парда, молҳои хоҷагидорӣ ва сохтмонӣ | Озмуни кушод | Мол | 29 | 06.06.2024 15:31:51 |
| 8 | 422171 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, электротехникӣ, масолеҳи истеъмолӣ, кабел, телефони статсионарӣ ва ID-картаҳои мушаххас | Озмуни кушод | Мол | 114 | 06.06.2024 15:40:13 |
| 9 | 422173 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Ниҳоли гулҳои мавсимӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 06.06.2024 18:35:13 |
| 10 | 422164 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Тамға | Озмуни кушод | Мол | 1 | 07.06.2024 08:15:00 |
| 11 | 422176 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | Молҳои хоҷагидорӣ ва гипохлориди калсий | Озмуни кушод | Мол | 26 | 07.06.2024 09:35:38 |
| 12 | 422177 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | Инвентари нарм, халати корӣ, ҷойпӯши ҷарроҳӣ ва халат | Озмуни кушод | Мол | 8 | 07.06.2024 09:45:19 |
| 13 | 422175 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Матои парда ва лавозимот барои истеҳсоли пардаҳои асосӣ барои иншооти «Сохтмони Қасри фарҳанг» дар маркази шаҳри Истаравшан | Озмуни кушод | Мол | 20 | 07.06.2024 09:46:46 |
| 14 | 422179 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 07.06.2024 10:30:00 |
| 15 | 422182 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 07.06.2024 10:35:00 |
| 16 | 422181 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 4 | 07.06.2024 10:40:00 |
| 17 | 422184 | Шабакаи кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Дӯстӣ | Дорурворӣ ва маводи тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 49 | 07.06.2024 11:00:15 |
| 18 | 422186 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 8 | 07.06.2024 11:10:00 |
| 19 | 422185 | Беморхонаи марказии ноҳияи Панҷ | Дорурворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 64 | 07.06.2024 11:10:40 |
| 20 | 422187 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-и ноҳияи Ёвон | Таъмири ҷории муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.06.2024 11:15:10 |
| 21 | 422188 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Бохтар» | Корҳои таъмиру барқарорсозии қисмати поёнии селшустаи пули мошингузар дар роҳи автомобилгарди РҶ-043, Рӯдакӣ – Ёвон - А.Ҷомӣ -Уялӣ дар км 77+600-ум | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.06.2024 11:25:30 |
| 22 | 422189 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ | Таъмири муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.06.2024 12:00:20 |
| 23 | 422193 | Муасссисаи давлатии таълимии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таъмири бинои маъмурӣ ва кафедраҳои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.06.2024 15:00:00 |
| 24 | 422169 | Бонки миллии Тоҷикистон | Корҳои иваз намудани бомпӯши бинои шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.06.2024 15:30:30 |
| 25 | 422190 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Сино»-и шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 52 | 07.06.2024 15:55:55 |
| 26 | 422178 | Муассисаи давлатии «Маркази байналмилалии тавонбахшӣ» дар ноҳияи Балҷувон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 37 | 10.06.2024 10:20:20 |
| 27 | 422180 | Муассисаи давлатити «Беморхонаи марказӣ»-и ноҳияи Фархор | Дорурворӣ | Озмуни кушод | Мол | 12 | 10.06.2024 10:27:08 |
| 28 | 422183 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей-интернат» дар ноҳияи Ховалинг | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 27 | 10.06.2024 10:33:05 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**6 июни соли 2024 музоядаи № 27-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд**

- Ҳавопаймои тамғаи АН – 12 Б, рақами бақайдгирии давлатӣ - ЕК 12335, рақами заводи истеҳсолкунанда - № 534305. Мансуб ба «British gulf international company LTD». Нархи ибтидоӣ - 127 092 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21,** ошёнаи 2-юми «Маҷмаи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, телефон - 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10**[00] барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, телефонҳо - 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ «КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН»

## Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст

**ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ «КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН»**

**ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 12 | 557,117 | 556,873 |
| Воситаҳо дар бонкҳо | 13 | 193,936 | 78,460 |
| Воситаҳои истифодабариашон маҳдудшуда | 14 | 80,697 | 39,880 |
| Қарзҳои ба мизоҷон додашуда | 15 | 862,535 | 366,736 |
| Сармоягузорӣ барои фурӯш дастрас | 16 | 20,000 | - |
| Сармоягузорӣ | 17 | 2,181 | 2,181 |
| Дороиҳои дарозмуҳлат барои фурӯш | 18 | 606 | - |
| Воситаҳои асосӣ | 19 | 26,799 | 17,805 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 20 | 6,699 | 6,028 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 21 | 10,571 | 15,055 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда | 11 | - | 1,217 |
| Воситаҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда мешаванд | | 113 | - |
| Дороиҳои дигар | 22 | 68,459 | 31,736 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲО | | 1,829,713 | 1,115,971 |
| **УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| УҲДАДОРИҲО | | | |
| Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 23 | 7,669 | 12,197 |
| Воситаҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда мешаванд | 24 | - | 33,630 |
| Воситаҳои мизоҷон | 25 | 1,333,288 | 669,622 |
| Коғазҳои қиматноки қарзӣ | 26 | 22,327 | 61,393 |
| Қарзҳои гирифташуда | 27 | 93,042 | 29,000 |
| Уҳдадориҳо аз рӯи иҷора | 21 | 12,696 | 17,535 |
| Уҳдадориҳои ба таъхир гузошташудаи андоз | 11 | 254 | - |
| Дигар уҳдадориҳо | 28 | 31,533 | 19,212 |
| | | 1,500,809 | 842,589 |
| САРМОЯ: | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 29 | 260,000 | 210,000 |
| Захираҳои умумӣ | | 3,474 | 2,794 |
| Захираҳои умумӣ оиди қарзҳои хизматрасонишаванда | | 10,138 | 151 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 55,292 | 60,437 |
| | | 328,904 | 273,382 |
| ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ | | 1,829,713 | 1,115,971 |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Раҷабов Э.Х.**
**Раиси Раёсат**

**Ҳикоятов А.А.**
**Сармуҳосиб**

29 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

29 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ «КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН»**

**ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА МАҶМӮИ ДАРОМАДИ ҒАЙР БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 АНҶОМ ЁФТААСТ**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ | 4 | 96,372 | 59,147 |
| Хароҷотҳои фоизӣ | 4 | (28,185) | (21,057) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ ТО ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲО БАРОИ БЕҚУРБШАВИИ ДОРОИҲОЕ, КИ АЗ РӮИ ОНҲО ФОИЗҲО ҲИСОБ КАРДА МЕШАВАНД | | 68,187 | 38,090 |
| Барқарорсозӣ/ (ташаккул) захира барои беқурбшавии дороиҳое, ки аз рӯи онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд | 15 | 37,155 | (41,160) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ | | 105,342 | (3,070) |
| Даромадҳои комиссионӣ | 5 | 20,993 | 18,223 |
| Хароҷотҳои комиссионӣ | 6 | (8,601) | (8,289) |
| Даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 7 | 10,344 | 101,139 |
| Ташаккули захира оид ба беқурбшавии дигар дороиҳо | 8 | (1,677) | (931) |
| Дигар даромадҳои/(хароҷотҳои) гайриамалиётӣ, холис | 9 | 371 | 220 |
| ДАРОМАДҲОИ СОФИ ҒАЙРИФОИЗӢ | | 21,430 | 110,362 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 10 | (63,044) | (53,686) |
| ФОИДА ТО АНДОЗ АЗ ФОИДА | | 63,728 | 53,606 |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 11 | (15,206) | (10,920) |
| ФОИДА ДАР ДАВОМИ СОЛ | | 48,522 | 42,686 |
| Маҷмӯи даромади ғайр: | | - | - |
| ҲАМАГӢ МАҶМӮИ ДАРОМАД | | 48,522 | 42,686 |
| Фоида барои як саҳм | | 2 | 2 |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Раҷабов Э.Х.**
**Раиси Раёсат**

**Ҳикоятов А.А.**
**Сармухосиб**

29 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

29 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ДАЪВАТ БАРОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

**Санаи даъват: 20 майи соли 2024**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Манбаи маблағгузорӣ: «Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ» (ЛТУИИ), P168052**

**Рақами грант: D5000-TJ**

**Рақами қарордодҳо: NSIFT-SERSP-1A-158; NSIFT-SERSP-1A-248; NSIFT-SERSP-1A-250:**

Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон (БМИМТ) ташкилотҳои сохтмонии ихтисосмандро даъват менамояд, ки пешниҳодҳои озмунии худро барои иштирок дар озмун ҷиҳати иҷрои зерлоиҳаҳои зерин манзур намоянд:

SERSP-1A-158 «Таъмири асосии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и деҳаи Тогмай, Ҷамоати деҳоти Вишхарв, ноҳияи Дарвоз»;

SERSP-1A-248 «Сохтмони бинои иловагӣ барои маркази саломатӣ дар деҳаи Кафтари Ҷамоати деҳоти Доғистон, ноҳияи Шамсиддин Шоҳин»;

SERSP-1A-250 «Сохтмони бинои таълимии 4 синфхона дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и деҳаи Кӯҳдомани Ҷамоати деҳоти Шурообод, ноҳияи Шамсиддин Шоҳин».

**Ҳуҷҷатҳои озмунро аз суроғаи зерин дастрас кардан мумкин аст:**

- Дафтари марказии Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон (БМИМТ) дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25, ошёнаи чоруми бинои Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм».

Пешниҳодҳои иштирокчиёни озмун бояд аз рӯи шакли муқарраршуда тибқи бастаи ҳуҷҷатҳои озмунӣ то соати 15[00] 31 майи соли 2024 ба суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25, ошёнаи чоруми бинои Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» пешниҳод шаванд.

Пешниҳодҳои озмунӣ на дертар аз муҳлати болозикр қабул карда мешаванд ва давоми 30 рӯз эътибор доранд.

**Маълумотҳоро тавассути телефонҳои БМИМТ гирифтан мумкин аст:**

- шаҳри Душанбе: (8-992-37) 221-31-08, 221-68-44;
- почтаи электронӣ: info_sersp@nsift.tj; сомонаҳо http: //www.nsift.tj, http://sersp.nsift.tj

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ № 31300042823-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон ба Хуҷамуродова Дилбариссо Курбоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми гумшудаи силсилаи Т-АТА №1001621, ки онро Литсейи №2-и барои хонандагони болаёқати ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2020 ба Халилова Тахмина Нурмаҳмадовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи борборкунаки LG 952 N (шиносномаи №0028153), ки онро БНДТК-и ноҳияи Варзоб соли 2017 ба ҶДММ «Розияи сангрез» додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Тимуров Шуҳрат Рустамович (РМА 046038011) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳадяи литери 2/1с-и хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат 9-уми июли соли 2015 таҳти феҳрасти №1Ш-345 бо суроғаи шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти Симиганҷ, деҳаи Тангаӣ, литери 2/1с-и хонаи истиқоматии Б/Р ба Турдалиева Дилафрӯз Шералиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи №1579779, ки онро МТМУ №126-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2023 ба Шарипов Муҳаммадёсин Муҳаммадович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда бо шартҳои махсус, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Назарова Раногул Шарифовна (РМА 015094730) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 22-юми майи соли 2009 таҳти феҳрасти №1Ш-695 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад, бинои 126, хонаи 2 ба Мирзоев Ҷумахон Раҷабалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А 03385052, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 10-уми сентябри соли 2020 ба Шарипова Гулбаҳор Шоҳабдуғафоровна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи № Ш20745, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур 31-уми декабри соли 2020 таҳти қайди 595 ба Шопулотов Азамат Мухиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшуда оиди сохтмони манзили истиқоматӣ дар кӯчаи Авесто 27-и шаҳри Душанбе, ки 15-уми феврали соли 2017 байни ҶСП «Муқим-1» ва Сайфудинов Сиёвуш Фатҳидинович баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии № Г 20421-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2020 ба Талбакзода Шодмон Азам додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Коргар, бинои 8/2, хонаи 16 ба Додхудоева Гулизор Давлатовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшуда оиди сохтмони хонаи истиқоматӣ, ки 16-уми январи соли 2018 байни ҶСП «Муқим-1» ва Сафиев Носирҷон Ҷураевич бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 42, даромадгоҳи сеюм, блоки Б, ошёнаи 9-ум, хонаи 176 баста шудааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Маркази захираҳои меҳнатӣ» (РМА 030031208, РЯМ 0310019619), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ 6-уми марти соли 2019 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «СОМОНЧӢ» (РМА 030032032), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Рамшед» (РМА 020005550, РЯМ 0210002815), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Бахти Наврӯз» (РМА 330014907, РЯМ 3310010908), ки 11-уми октябри соли 2022 дар Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Муассис:
Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 20 майи соли 2024, соати 16:10 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35055 нусха*

Навбатдори шумора
Ш. Хусейнзода

Тарроҳони компютерӣ
Т. Курбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97